**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Азамзода Акмал Азам дар мавзуи «Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оиеративӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Азамзода Акмал Азам дар мавзуи «Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Тафтиши ҷиноят яке аз равандҳои муҳимтарини таъмини адолат дар низоми ҳуқуқии ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Муфаттишони прокуратура дар ин раванди мураккаб ва масъул вазифадоранд, ки бо истифодаи усулҳои илмӣ ва техникии муосир сабабҳои содиршавии ҷиноятро муайян намуда, далелҳои кофӣ ҷамъ оварда, адолатро таъмин намоянд. Техникаи криминалистикӣ ҳамчун маҷмӯи усулҳо, воситаҳо ва таҷҳизот, ки барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва таҳлили далелҳои ҷиноятӣ истифода мешаванд, нақши муҳим мебозад. Истифодаи ин техника на ҳамеша бидуни мушкилот сурат мегирад ва дар доираи фаъолияти муфаттишони прокуратура чандин проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ вуҷуд доранд, ки истифодаи самараноки онро маҳдуд месозанд.

Бояд қайд кард, ки техникаи криминалистикӣ ба таври зич бо фанҳои гуногуни илм, ба мисли ҳуқуқ, криминология, фанҳои табиӣ ва техникӣ пайвастагӣ дорад. Ин гуногунҷанбагии илмӣ ба муфаттишон имконият медиҳад, ки бо усулҳои гуногун ва таҳлилҳои мукаммал ба натиҷаҳои дақиқ расанд. Аммо ҳамзамон, ин омезиш метавонад ба як қатор масъалаҳои назариявӣ, аз қабили номуайянӣ дар баёни усулҳои истифодаи техника ва тартиби татбиқи онҳо дар амал оварда расонад. Масалан, якчанд мафҳумҳо ва стандартҳои истифодаи баъзе воситаҳои техникии криминалистикӣ дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба таври равшан ва дақиқ муайян нашудаанд, ки ин метавонад сабаби ихтилофҳо дар таъбиқ ва арзёбии далелҳои гирифташуда гардад.

Масъалаи таҳлили натиҷаҳои техникӣ ва дурустии онҳо мебошад. Дар техникаи криминалистикӣ аксар вақт натиҷаҳо бо истифодаи дастгоҳҳои электронии мураккаб ва барномаҳое, ки барои муайян кардани нишонаҳо, асноди электронӣ ва дигар далелҳо хизмат мекунанд, гирифта мешаванд. Муфаттишон бояд на танҳо бо истифодаи ин дастгоҳҳо маҳорати кофӣ дошта бошанд, балки тавонанд натиҷаҳои бадастомадаро ба таври дуруст таҳлил ва арзёбӣ намоянд. Дар ин ҷиҳат, норасоии омӯзиш ва таҷрибаи муфаттишон метавонанд ба хатогиҳои назариявӣ ва амалӣ дар тафтиши ҷиноят оварда расонанд.

Ҳифзи шаффофият ва қонунмандии истифодаи техникаи криминалистикӣ мебошад. Ҳангоми истифодаи усулҳои техникии муосир бояд қоидаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла риояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни раванд ва кафолатҳои қонунии онҳо пурра таъмин карда шаванд. Дар акси ҳол, натиҷаҳои гирифташуда метавонанд ҳамчун далелҳои ғайриқонунӣ қабул нашаванд ва ин ба паст шудани эътимод ба мақомоти тафтишотӣ ва нокомии раванди тафтиш оварда мерасонад.

Дар амал, муфаттишони прокуратура бо чандин мушкилоти ҷиддӣ дар истифодаи техникаи криминалистикӣ рӯбарӯ мешаванд. Яке аз мушкилоти асосӣ ин норасоии таҷҳизоти муосир ва барномасозии коршиносӣ мебошад, ки

боиси маҳдуд шудани имконоти тафтиши мукаммал мегардад. Ин ҳолат, махсусан дар минтақаҳои дурдаст ва ноҳияҳои дорои захираҳои маҳдуд мушоҳида мешавад. Барои бартараф кардани ин мушкилот зарур аст, ки мақомоти дахлдор захираҳои молиявӣ ва техникӣ барои муҷаҳҳаз кардани муфаттишон дар сатҳи зарурӣ ҷудо кунанд ва низоми таълими давраи мутавозии муфаттишонро ба роҳ монанд.

Ҳамчунин, масъалаи баланд бардоштани сатҳи тахассус ва малакаи муфаттишон нақши калидӣ дорад. Дар ин росто, ташкили курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва таҷрибаи амалӣ бо истифода аз технологияҳои нав бояд ба як ҷузъи доимии фаъолияти муфаттишон табдил ёбад. Ҳамзамон, бояд системаҳои мониторинг ва назорат бар дурустии истифодаи техникаи криминалистикӣ фаъол гардонда шаванд, то ин ки норасоиву камбудиҳо сари вақт ошкор ва ислоҳ шаванд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти илмии Азамзода Акмал Азам дар мавзуи «Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида шудааст, бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фазои баъдишуравӣ ба таври мукаммал амалӣ гардида, барои рушди илми криминалистика дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошад.

Дар диссертатсия доираи васеи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба истифодаи техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратура мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор дода шудааст. Навгониҳои асосии таҳқиқот иборатанд, аз масъалаҳои зерин:

- Муайян кардани хусусиятҳои интегралӣ ва мураккаби техникаи криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят аз назари ҳамгироии фанҳои гуногун, ки то ин дам ба таври пурра ва систематикӣ таҳлил нашуда буданд. Ин нуқтаи назар имкон медиҳад, ки техникаи криминалистикӣ ҳамчун ҷузъи

таркибии равандҳои мураккаби тафтишотӣ дар сатҳи назариявӣ таҳти баррасӣ қарор гирад.

•Таъини проблемаву маҳдудиятҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии истифодаи техникаи криминалистикӣ, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон норӯшанӣ ва ихтилофоти усулиро ба вуҷуд меоранд. Ин масъала барои таҳкими заминаи ҳуқуқии татбиқи усулҳои техникии тафтиши ҷиноят аҳамияти назаррас дорад.

•Шиносоии мушкилоти амалии истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура, аз ҷумла норасоии таҷҳизот, сатҳи пасти малакаи касбӣ ва камбудиҳои методологии истифодаи воситаҳои техникии муосир дар шароити маҳдудиятҳои мавҷуда. Ин нуқтаи назар барои беҳтарсозии амалиёти тафтишотӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи техника аҳамияти амалӣ дорад.

•Пешниҳодҳои мушаххас барои такмили системаи таълимӣ ва таъмини захираҳои техникии муфаттишон, ки дар доираи таҳқиқот пешниҳод шудаанд ва метавонанд дар амал татбиқ шаванд. Ин пешниҳодҳо дар таҳкими иқтидори мақомоти тафтишотӣ ва пешгирии хатогиҳои техникӣ мусоидат мекунанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаю тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия бо истифодаи методологияҳои муосири таҳқиқотӣ ва таҳлили мунтазаму систематикӣ асоснок гардидаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф бар асоси таҳлили назариявӣ, муқоисаи манбаъҳои илмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии муфаттишони прокуратура асоснокии таҳқиқотро таъмин кардааст.

Асоснокии хулосаҳо ба натиҷаҳои дақиқ ва воқеӣ тавассути истифодаи усулҳои комплексӣ, аз ҷумла омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳқиқоти пешина дар соҳаи техникаи криминалистикӣ ва фаъолияти муфаттишони прокуратура ифода меёбанд. Дар рисола таҳлили ҳолатҳои мушаххаси тафтиши ҷиноятҳо, ки дар онҳо техникаи криминалистикӣ, усулҳои муқоисавӣ ва таҳлилии ҳуқуқӣ барои баррасии проблемаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва усулӣ муайян карда шудаанд.

Эътимоднокии тавсияҳо дар он аст, ки онҳо асосан бар асоси маълумоти воқеӣ ва таҳлили мукаммал таҳия шудаанд ва бо мақсади беҳтар кардани раванди тафтиши ҷиноят бо истифодаи техникаи криминалистикӣ пешниҳод гардидаанд. Тавсияҳо, ҳамчунин ба хусусиятҳои махсуси фаъолияти муфаттишони прокуратура ва шароити ҳуқуқӣ ва техникӣ мутобиқ шудаанд.

Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия дорои сатҳи баланди илмӣ ва амалии эътимоднокӣ буда, метавонанд ҳамчун дастури назариявӣ ва амалӣ барои такмил додани усулҳои тафтиши ҷиноят ва истифодаи техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратура истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Диссертатсияи мазкур саҳми назаррас ба таҳкими назарияи техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратура дорад. Аввалин маротиба хусусиятҳои мураккаби истифодаи техникаи криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятро бо дарназардошти ҳамгироии фанҳои ҳуқуқ, криминалистика ва фанҳои техникии муосир ба таври систематикӣ ва муфассал таҳлил менамояд. Таҳқиқот масъалаҳои норӯшаниҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии татбиқи усулҳои техникӣ, инчунин мушкилоти амалии истифодаи онҳоро равшан месозад ва барои таҳкими базаи илмии фанни криминалистика ва фаъолияти тафтишотӣ заминаи илмӣ мегузорад.

Натиҷаҳои кор ва пешниҳодҳои амалӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муфаттишони прокуратура дар истифодаи техникаи криминалистикӣ равона шудаанд. Диссертатсия ба муфаттишон ва мақомоти дахлдор имконият медиҳад, ки бо истифодаи воситаҳои техникии муосир ва татбиқи дурусти усулҳои тафтишотӣ, ҷустуҷӯи далелҳои ҷиноятиро бо дақиқӣ ва шаффофият ба роҳ монанд. Пешниҳодҳои методологӣ ва таҷрибавии диссертатсия барои ташкили курсҳои омӯзишӣ, тақвияти тахассус ва такмили таҷҳизоти техникӣ дар мақомоти тафтишотӣ арзиши амалии зиёд доранд.

Бо истифодаи техникии криминалистикӣ дар сатҳи зарурӣ ва баланд бардоштани малакаи муфаттишон дар истифодаи ин техника, метавон раванди тафтиши ҷиноятҳоро зудтар ва пурсамар анҷом дод.

Такмили усулҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо ба баланд бардоштани сатҳи адолат, шаффофият ва эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунад. Ин ба беҳтар шудани фазои амният ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар ҷомеа равона шуда, барои коҳиши сатҳи ҷинояткорӣ ва таъмини оромии иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои ин тадқиқот барои таҳкими низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва таҳкими эътимоди мардум ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ арзиши бузург доранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Бар асоси натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия маҷмӯи 15 мақолаи илмӣ нашр гардидааст. Аз онҳо 5 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар, ки сатҳи илмӣ ва эътимоднокии заруриро доранд, ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисорањо ва (ё) аломатњои шартї, муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияњо оид ба истифодаи амалии натиљањои тањќиќот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. њаљми умумии диссертатсия 192 сањифаро ташкил медињад.

Боби якуми диссертатсия ба «Асосҳои назариявии техникаи криминалистӣ ва истифодаи он дар фаъолияти муфаттишони прокуратура» бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб масъалаҳои мафҳум ва низоми техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратура, таъминоти техникӣ -

криминалистикии фаъолияти муфаттишони прокуратураро мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

Боби дуюми рисола ба масоили «Робитаи муфаттишони прокуратура бо илми криминалистика ва ҳамкории онҳо бо муассисаҳои экспертизаи судӣ» бахшида шудааст.

Асоснокии истифода намудани илми криминалистика аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят бо мақсадҳои гуногун роҳандозӣ карда мешавад: ҳангоми омодагӣ ба тафтиши парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура, ҳангоми омӯхтани маводи парвандаи ҷиноятӣ, дар тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва умуман методологияи пешбурди тафтишоти пешакӣ. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ проблемаи истифодаи илми криминалистика аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят кам таҳқиқот гузаронида шудааст.

Дар боби сеюми рисола – «Таъминоти техникӣ-криминалистикии фаъолияти муфаттишони прокуратура дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишӣ» ба масъалаҳои қоидаҳои универсалии истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура, воситаҳои техникӣ–криминалистикӣ ва технологияи фосилавӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва истифодаи нейросет ва зеҳни сунъӣ дар раванди гузаронидани амалҳои тафтишӣ бахшида шудааст.

Муаллиф бо дарназардошти таҳқиқоти гузаронидааш ба КМҶ ҶТ меъёри алоҳида оид ба техника ва технологияи истифодаи воситаҳои техникӣ–криминалистикӣ пешниҳод кардааст.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1.Дар қисми амалии таҳқиқот маълумотҳои зиёде дар бораи таҷрибаи умумии истифодаи техникаи криминалистикӣ оварда шудаанд, аммо таҷрибаи мушаххаси байналмилалӣ маҳдуд мебошад. Пешниҳод мешавад, ки дар таҳқиқот ба таҷрибаи байналмилалӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир мегардид.

2. Дар бахши назариявии диссертатсия мафҳуми «техникаи криминалистикӣ» нисбатан маҳдуд шарҳ дода шудааст. Барои баланд бардоштани сатҳи илмии таҳқиқот, зарур аст, ки ин мафҳумҳо пурратар шарҳ дода шаванд.

3. Гарчанде дар қисми хотимавии диссертатсия як қатор тавсияҳо оид ба беҳтар намудани истифодаи техникаи криминалистикӣ оварда шудаанд, вале онҳо бештар умумӣ буда, ҷанбаҳои мушаххаси ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва моддӣ-техникиро фаро намегиранд. Пешниҳод мешавад, ки тавсияҳо бо дарназардошти воқеияти муҳити ҳуқуқии Тоҷикистон, имкониятҳои моддию техникии мақомоти прокуратура ва сатҳи касбии муфаттишон муфассал ва мушаххас гардонида шаванд.

Камбудї ва норасоињое, ки дар боло ќайд шудаанд, дар умум њангоми бањодињии мусбати тањќиќоти диссертатсионї наќши муайнкунандаро намебозанд ва танњо шањодати он мебошанд, ки масъалањои баррасишаванда хело муњим буда, мураккаб ва бањсноканд ва муаллиф дар њалли баъзе масъалањо дар натиљаи омўзиши сарчашмањои њуќуќї, адабиёти соњавї ва бањодињии аќидањои олимони гуногун нуќтањои муаллифии худро пешнињод намудааст, ки он хоси гузаронидани тањќиќоти илмї мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшуда шаҳодат аз он медиҳад, ки масъала ба таври пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, дорои навоварии илмӣ мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлил ва натиҷаҳои ба дастомада хулосаҳои мушаххас ироа намудааст, ки метавонанд барои пешрафти илми замонавии назарияи ҳуқуқ саҳми арзанда гузоранд.

Таҳқиқоти илмии Азамзода Акмал Азам таҳти унвони «Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз ҷониби худи муаллиф мустақилона анҷом ёфта, дорои сохтори муназзам ва мантиқи пайдарпайи илмӣ мебошад. Навгониҳои илмии пешниҳодгардида, нуқтаҳои муҳими назариявӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалӣ, ҳамчунин мақолаҳо ва маърӯзаҳое, ки дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ муаррифӣ шудаанд, саҳми мустақими муаллифро дар ин самти тадқиқотӣ тасдиқ менамоянд. Услуби таҳқиқот ва тарзи баён низ нишонаи қобилияти илмию таҳлилӣ ва саҳми шахсии муаллиф аст.

Дар натиҷа, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Азамзода Акмал Азам ба талаботи муқарраргардида барои дарёфти унвони номзади илм мувофиқ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмьои ьуќуќшиносї,**
**профессор, сардори кафедраи криминалистика**
**ва эксиертизаҳои судии Академияи ҳифзи ҳуқуқи**
**Ҷумҳурии Ӯзбекистон** **Астанов И.Р.**

**Имзои Астанов И.Р. – ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадри Академияи ҳифзи ҳуқуқи**

**Ҷумҳурии Ӯзбекистон** **Холматов М.М.**

«13» ноября соли 2025

Суроға: 100047, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш.Тошкент, н.Миробод, кӯч. Шаҳрисабз, 42; Факс/телефон: +(998) 71 202-04-96

E-mail: info@proacademy.uz; https://proacademy.uz/ru